# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2004, № 1260 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 1, соли 2005, моддаи 3) қабул гардидааст.

Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми феврали соли 2005, № 598 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 2, соли 2005, моддаи 74) ҷонибдорӣ гардидааст.

Моддаи 1. Қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад.

Моддаи 2. Фасли чорум "Ҳуқуқи муаллифӣ", фасли панҷум "Ҳуқуқҳои кашфкунӣ", фасли шашум "Ҳуқуқи ихтироъкорӣ, таклифи ратсионализаторӣ ва намунаи саноатӣ", фасли ҳафтум "Ҳуқуқи меросӣ", фасли ҳаштум ,Қобилияти ҳуқуқдории гражданинҳои хориҷӣ ва шахсони бегражданият. Татбиқи қонунҳои граждании давлатҳои хориҷӣ ва шартномаҳои байналхалқӣ"-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963 "Дар бораи тасдиқ кардани Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи онҳо ба фаслҳои ишорашудаи ҳамин Кодекс тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, аз эътибор соқит дониста шаванд.

Моддаи 3. Қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки баъди мавриди амал қарор додани он ба вуҷуд омадааст, истифода бурда мешавад.

Моддаи 4. Қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе

1 марти соли 2005 № 84